**КУМИТАИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

«18» 01 соли 2023 № 1/4.1-7-9 ш. Душанбе

**«Дар бораи тасдиқи Дастурамали иҷрои пайдарпайи амалҳои модулӣ дар дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ»**

Бо мақсади иҷрои муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, № 410 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ», тибқи талаботи банди 11-и Низомномаи Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамали иҷрои пайдарпайи амалҳои модулӣ дар дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Кормандони масъули дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Кумита вобаста ба низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ» талаботи дастурамали мазкурро ба роҳбарӣ гиранд.

3. Сардорони раёсатҳои назорати байторӣ ва зотпарварӣ, фитосанитарӣ, карантинӣ ва тухмӣ, сарҳади давлатӣ ва нақлиёт, ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва ШНТҶ, Маркази миллии ташхиси бехатарии озуқаворӣ риояи дастурамали мазкурро аз ҷониби кормандони масъули худ назорат намоянд.

4. Бахши умумӣ фармоиши мазкурро ба воҳидҳои сохтории болозикр барои таъмини иҷро дастрас намояд.

5. Назорати иҷроиши фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

Раис Файзуллозода М.У.

Замима
ба фармоиши Раиси
Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «12» январи соли 2023, №1/4.1-7-9

Дастурамали иҷрои пайдарпайи амалҳои модулӣ
дар дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Кумитаи бехатарии озуқаворӣ
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми «Равзанаи
ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали иҷрои пайдарпайи амалҳои модулӣ дар дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ» (минбаъд - Дастурамал) ҷиҳати иҷрои карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №410 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ», тибқи талаботи банди 11-и Низомномаи Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017, №595 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, тартиби иҷрои пайдарпайи амалҳои модулиро дар дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ», ба танзим медарорад.

2. Ҳангоми муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои дастрас намудани «иҷозати воридоти карантинӣ, сертификати фитосанитарӣ, санади фитосанитарӣ, иҷозати байторӣ, сертификати байторӣ, сертификати мутобиқат», вобаста ба барасмиятдарории амалиёти воридот, содирот ва транзитӣ, кормандони масъули дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумита) ухдадоранд, ки аризаи онҳоро тариқи электронӣ талаб намоянд.

3. Ҳангоми аз ҷониби муроҷиаткунандагон дар шакли қоғазӣ талаб намудани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, кормандони масъули Кумита метавонанд баъди иҷозат додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ дар низом, ҳуҷҷатро дар шакли қоғазӣ пешниҳод намояд.

4. Регламенти баррасии дархост тибқи талаботи қонунгузорӣ муқаррар намуда риоя карда шавад.

5. Бо мақсади кам намудани хароҷоти иловагӣ аз мақомот ҷамъоварӣ намудан бастаи ҳуҷҷатҳо дар ҳомили қоғазӣ манъ карда шавад.

## 2. ТАРТИБИ ИСФОДАБАРИИ НИЗОМ

6. Барои корбарии дархостҳои электронӣ кормандони масъули Кумитаро лозим аст, ки бо истифодаи рамзи худ ба сомонаи Равзанаи

ягона portal.swcustoms.tj ворид шуда, нақши хешро дар низом ҳамчун кормандони масъули Кумита интихоб намояд.

7. Ҳамаи мурочиатҳои электронии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар модули «Замимаҳои ман» ҷамъоварӣ мегардад. Ҳангоми пахш кардани тугмачаи «Замимаҳои ман» модул кушода мешавад ва дар ин холат лозим аст, ки ҳуҷҷатҳои дар банди 2 Дастурамал дарҷшударо пахш намоем. Пас аз ин амал саҳифаи дахлдор кушода мешавад. Ҳар як сатр, дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. ки барои ворид шудан ба дархости электронӣ аз тугмачаи каламча истифода мебарем. Ҳангоми ба дархост ворид шудан якчанд сахифаҳо пайдо мегардад (маълумоти бақайдгирӣ, тарафҳо, интиқол, молҳо, ҳуҷҷатҳои замимашаванда, ӯҳдадориҳо, эзоҳ, шакли чопи ҳуҷҷат, ташхис).

8. Ҳар як саҳифа маълумотҳои худро дорад, ки дар он маълумотҳои лозима аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пур карда мешаванд. Кормандони масъули Кумита имконияти тағйир додани маълумотҳои пуркардаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро надорад. Тағйирот ворид намудан ба маълумоти фиристодашуда танҳо дархостдиҳанда имконият дорад ва он ҳам бо иҷозати мақомоти дахлдор.

9. Раванди коркарди дархострο бо пахши ҳафт амал метавон ба анҷом расонд:

- қадами якум - ҳангоми дар ҳолати «Пешниҳодшуда» қарор доштани дархост, кормандони масъули Кумитаро лозим аст, ки майдончаи «Рақами бақайдгирӣ»- ро пур карда, сипас тугмачаи «Бакайдгирӣ»-ро пахш намояд.

- қадами дуюм - баъд аз ба қайд гирифтани дархост, кормандони масъули Кумитаро лозим аст, ки дархострο ба мутахассис вобаста намояд. Пас аз интихоб намудани иҷрокунанда, тугмачаи «Фармудан»-ро пахш менамояд. Баъд аз ин амалиёт, дархост ба иҷрокунанда аён мегардад.

- қадами сеюм - кормандони масъули Кумита самтҳои ташхисро муайян намуда санади гирифтани намунаи молро дар дархости алоқаманд ворид намуда, тугмачаи “Санҷиш дар озмоишгоҳ” ё ин, ки “Ба фумигатсия”-ро пахш мекунад, дархост ба озмоишгоҳ ё фумигатсия фиристода мешавад.

-қадами чорум - кормандони масъули Кумита намунаи молро аз назар гузаронида муҳлати ташхисро муайян намуда, тугмачаи “Дар ташхис”-ро пахш мекунад ва ба талаботҳои сертификатсия ҷавобгӯ будан ё набудани маҳсулотро муайян намуда, натиҷаи ташхисро ба дархост ворид мекунад, тугмачаи “Ҳал кардан” ё ин, ки “Ба анҷом расонидани Фумигатсия”-ро пахш мекунад.

- қадами панҷум - баъд аз анҷоми корҳои ташхисӣ кормандони масъули Кумита натиҷаи ташхисро аз назар гузаронида тугмачаи “Азназаргузаронӣ”- ро пахш менамояд.

- Қадами шашум - кормандони масъули Кумита уҳдадориҳои молиявиро дар сатри “Уҳдадорӣ” ворид намуда ва дигар маълумотҳои ба иҷозат раводидро дар майдончаҳои зарурӣ ворид намуда, дар анҷоми кори худ тугмачаи «муайянкунӣ»-ро пахш менамоянд.

- қадами ҳафтум - роҳбари воҳиди сохтори дахлдори Кумита корҳои анҷомёфтаро аз назар гузаронида, дар сурати ба талабот ҷавобгӯ будани дархост, дар анҷоми кори худ тугмачаи «Иҷозат додан»-ро пахш менамояд.

10. Инчунин, дар низом якчанд тугмачаҳои ёрирасони дигар низ мавҷуд аст. Масалан: "Эзоҳро гузоред, Қатъ кардан, Назорати такрорӣ, Азназаргузаронии такрорӣ, Ҷавоби рад, Сабт, Дархости иловагӣ ё Маълумоти иловагӣ, Қатъ намудани бақайдгирӣ, Сабти pdf, Навсозӣ".

- тугмачаи «Эзоҳро гузоред». Ин тугмача дар он ҳолате истифода бурда мешавад, ки «Гуфтанӣ ба дархостдиҳанда фиристода мешавад». Ҳангоми пахши тугмачаи зерин дархост ҳолати худро иваз намекунад ва ба дархостдиҳанда паёмакхабар равон карда мешавад;

- тугмачаи «Қатъ кардан». Ҳангоми пахши ин тугмача дархост бекор карда мешавад. Дархост холати «Бекор кардашуда»-ро мегирад. Дар баробари ин амал ба дархостдиҳанда оиди бекор гаштани дархости паёмакхабар равон мешавад;

- тугмачаи «Назорати такрорӣ». Тавассути ин тугмача дархости электронӣ ба иҷрочӣ «кормандони масъули Кумита» барои ислохот бозпас гардонида мешавад. Дархост аз ҳолати «Азназаргузаронидашуда» ба холати «Бақайдгирифташуда» мегузарад;

- тугмачаи «Аз назар гузаронии такрорӣ». Тавассути ин тугмача дархости электронӣ ба иҷрочи «кормандони масъули Кумита» барои ислоҳот бозпас гардонида мешавад. Дархост аз ҳолати «Иҷозатдодашуда» ба ҳолати «Бақайдгирифташуда мегузарад» Ба ин амал дастрасӣ дорад роҳбарият;

- тугмачаи «Ҷавоби рад». Тавассути ин тугмача дархости электронӣ бекор карда мешавад. Ба ин амал дастрасӣ дорад иҷрочӣ «Кормандони масъули Кумита». Дар баробари ин амал ба дархостдиханда оиди бекор гаштани дархости у паёмакхабар равон мешавад;

- тугмачаи «Маълумоти иловагӣ ё Дархости иловагӣ». Тавассути ин тугмача дархости электронӣ ба дархостдиҳанда барои ислоҳоти дархости электронӣ боз пас гардонида мешавад. Ба ин амал дастрасӣ дорад иҷрочӣ «Кормандони масъули Кумита». Дар баробари ин амал ба дархостдиҳанда оиди ислоҳот ворид намудан ба дархости электронӣ паёмакхабар равон мешавад;

- тугмачаи «Қатъ намудани бақайдгирӣ». Тавассути ин тугмача дархости электронӣ бекор карда мешавад. Ба ин амал дастрасӣ дорад корманди бақайдгирии дархостҳои Кумита. Дар баробари ин амал ба дархостдиҳанда оиди бекор гаштани дархости ӯ паёмак хабар равон мешавад;

- тугмачаи «Сабти pdf». Тавассути ин тугмача аз низом бланкаи электронӣ «ҳуҷҷати дахлдори дар банди 2 Дастурамал дарҷшуда» ташаккул дода гирифта мешавад;

- тугмачаи «Сабт ё Навсозӣ». Тавассути ин тугмача тағйиротҳои воридкардашударо дар дархости электронӣ сабт менамоем. Ба ин амал дастрасӣ дорад ҳамаи кормандони масъули Кумита.

## 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

11. Баҳсҳо оид ба иҷрои пайдарпайи амалҳои модулӣ дар доираи низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитӣ» аз ҷониби Кумита тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳал карда мешаванд.